Тақризи

роҳбарӣ илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи “Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳақназар Назаров яке аз олимони намоёни шарқшиноси тоҷик ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад, ки ба хусус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони асрҳои XIX ва XX саҳми бузург доранд. Дар осори ба Афғонистон бахшидаи ӯ бисёр аз масъалаҳои муҳими Афғонистон бо диди нав бо пешниҳоди консепсияи нав мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки дар афғонистоншиносии ҳам собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳам берун аз он камназиранд. Бо баракати таҳқиқоти устод Ҳ.Назаров ва дигар олимони афғонистоншиноси тоҷик мактаби афғонистоншиносии Тоҷикистон яке аз мактабҳои пуршуҳрат ва бонуфузи илмӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин, таҳқиқи саҳми Ҳ.Назаров, яке аз намояндагони маъруф ва асосгузори мактаби афғонистоншиносии тоҷик дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, ки бешубҳа то ҷое муаррифии илмии мактаби афғонистоншиносии тоҷик ҳам ба ҳисоб меравад, аз аҳамияти зиёди илмӣ ва амалӣ бархурдор аст.

Дар навиштани рисолаи мазкур диссертант худро ҳамчун муҳаққиқи бовиҷдон, пухтакор, ки метавонад ба таври қонеъкунанда мубрамияти мавзӯъро асоснок намояд ва мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсиониро муайян созад, нишон додааст. Қобили зикр аст, ки диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқикро бо далелҳои қонеъкунанда асоснок намудааст ва онро ба воқеияти имрӯзаи Афғонистон ва пайомадҳои ҷанги бисёрсола дар ин кишвар рабт додааст. Таъкид намудааст, ки решаи буҳрони бисёрсола ва ҷангу хунрезиҳо, эҳтимолияти ташдиди ихтилофҳои қавмӣ ҳанӯз дар асри гузашта дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров инъикос гардида буданд. Аз ин нуқтаи назар таҳлили андешаҳои илмии афғонистоншиноси бузурги тоҷик на

танҳо дорои аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти калони амалӣ дошта, барои дарёфти решаҳои аслии низоъи мусаллаҳона ва бухрони эътимоди байниқавмӣ дар ин кишвар нақши муҳим доранд. Ба ибораи дигар аҳамияти илмии рисола дар он аст, ки он ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию сиёсии Афғонистони имрӯз равона шудааст.

Истеъдоди таҳлилию таҳқиқии унвонҷӯ дар муайян намудани сохтори рисола низ зоҳир гардидааст. Сохтори кори диссертатсионӣ ба назари мо хеле муносиб буда, барои ҳалли вазифаҳои дар назди унвонҷӯ қарор дода шуда, мусоидат намудаанд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад.

Рисола аз сарсухан, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифода шуда иборат аст.

Дар сарсухан, тибқи талаботи маъмул гузориши масъала, аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он муфассал таҳлил шудааст. Муаллиф дар ин бахш, инчунин объект ва предмети таҳқикро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои кори илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшуда, навгонӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти амалии рисолаи диссертатсиониро ба таври дақиқ нишон додааст.

Унвонҷӯ дар интихоб. ҷустуҷӯ ва истифодаи сарчашмаҳои бисёр муҳими таърихӣ ва адабиёти илмӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Ҳ. Назаров ва инчунин мавзӯъҳои таҳқиқии ӯ, таҳлили муқоисавӣ ва таснифи он мустақилият ва ҷиддияти хос нишон додааст.

Ба ғайр аз истифода аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмии дар рисолаи мазкур истифодашуда унвонҷӯ аз маводи бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳ.Назаров ва мусоҳибаҳои самаранок бо шогирдон, дӯстон ва хонаводаи Ҳ.Назаров анҷом додааст. Ин омил, бешубҳа, аҳамияти илмии рисоларо боло мебарад.

Ҷиҳати фарқкунандаи дигари рисолаи диссертатсонии Д.С.Қодиров навгониҳои илмӣ, ё натиҷаҳои нави илмии ҳосилшуда аст. Навгониҳои

илмӣ дар муқаддимаи кор оварда шудаанд ва мутолиаи рисола ин навгониҳоро тасдиқ менамояд. Яъне то ҳол дар таърихнигории муосир як таҳқиқоти ҷомеъ дар хусуси саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон анҷом нашуда буд. Ҳеҷ муаллифе дар асоси сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ–таҳқиқотӣ, фаъолияти илмии Ҳ.Назаров, нақши ӯро дар таъсиси мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон ва омодасозии мутахасисони илмӣ, омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва пешниҳоди консепсияи таҳқиқи масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии ин кишвар мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор надодааст. Исбот карда шудааст, ки хулосаҳои илмии олим вобаста ба масоили таърих ва фарҳанги Афғонистон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мубрамияти худро нигоҳ медоранд.

Боби аввали рисолаи диссертатсионӣ ба “Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX” бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаровро дар муҳити солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, солҳои ҷанг ва баъд аз он, махсусан таъсири сиёсати муҳоҷиркунии аҳолии кӯҳистонро ба водии Вахш дар зиндагии Ҳ.Назаров мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ “Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров” унвон гирифта, дар зербобҳои он вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX дар Афғонистон ҳамаҷониба таҳқиқ шудаанд. Ниҳоят боби севвум пурра ба таҳлили “Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон” ихтисос дода шудааст. Дар зербобҳои он таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон, арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ ва саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар

ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон муфассал таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Ба назари мо гузориши ин масъалаҳо, пайдарпай ва дар вобастагӣ ба якдигар таҳқиқ намудани онҳо имкон додааст то муаллиф як тасвири равшани мақоми точиконро дар таърихи Афғонистон бо далелҳои муътамад нишон диҳад.

Дар давоми кор аз болои рисолаи диссертатсионӣ Д.С.Қодиров худро ҳамчун муҳаққиқи ҷуянда, серкор ва ҷиддӣ дар баробари вазифаҳои дар пеш гузошта нишон дод. Ӯ ҳамеша машватраҳои роҳбари илмиро ба роҳбарӣ мегирад ва дар пайи ҷустуҷӯйи маводи илмӣ ва таҳлил аст.

Аз ин рӯ, хулоса ва натиҷагириҳои ӯ бо далелҳо ва факту рақамҳои муътамад тақвият ёфтаанд.

Далели ин гуфтаҳо чопи 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар онҳо мухтавои асосии рисолаи диссертатсионӣ инъикос ёфтааст.

Хулоса ва натиҷаҳои арзишмандии илмии рисола метавонанд ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни мактабҳои олии таълимӣ истифода хоҳанд шуд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи “Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ,

маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, аз рӯи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳамият ва навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, муаллифи он Қодиров Довар Саидаллоевич сазовори касби дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, и.в.саркотиби илмии АИ
Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.т. Қ. Искандаров

734025, хиёбони Рудаки, 33, ш. Душанбе, ҶТ, Тел.:
+992-372-221-50-17
Email: sarkotib@anrt.tj
02.12.2019

Имзои Қ.Искандаровро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус М.Муродова

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

«2» декабри 2019